# 41950 - Оё барои рафтан ба ҳаҷ иҷозати падару модар воҷиб аст?

**савол**

Оё барои рафтан ба ҳаҷ иҷозати падару модар воҷиб аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Агар ҳаҷ фарз бошад, розигӣ ва иҷозати падару модар шарт нест. Ҳатто агар онҳо ӯро аз ҳаҷ манъ кунанд, вале ҳаҷ (бар ӯ) фарз бошад, ӯ бояд ба ҳаҷ биравад ва онҳоро итоат накунад, чунки Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَإِنْ جَاهَدَاكَ عَلَى أَنْ تُشْرِكَ بِي مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ فَلا تُطِعْهُمَا وَصَاحِبْهُمَا فِي الدُّنْيَا مَعْرُوفاً

سورة لقمان: ١٥

**«Ва агар он ду талош кунанд, ки ту чизеро шарики Ман қарор диҳӣ, ки нисбат ба он донише надорӣ, пас, аз онҳо итоат макун ва дар дунё бо онҳо ба шоистагӣ (ва хубӣ) рафтор кун»**. (Сураи Луқмон: 15).
Ҳамчунин паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:
**«Итоати махлуқ дар нофармонии офаридгор (Аллоҳ) ҷоиз нест».**
Аммо агар ҳаҷ нофила бошад, пас бояд ба маслаҳат назар кард. Агар падару модар ҷудоии ӯро тоқат карда натавонанд ва нахоҳанд, ки ӯ аз наздашон биравад, пас дар ин ҳолат боқӣ монданаш дар назди онҳо беҳтар аст. Зеро марде аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) иҷозат пурсид, ки ба ҷиҳод равад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ гуфт: **«Оё падару модарат зиндаанд?»** Гуфт: Бале. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Пас, дар хидмати онҳо ҷиҳод кун».** *(Яъне ҷиҳоди ту хидмати онҳост).*
Дар ҳаҷҷи фарзӣ, итоат ба падару модар лозим нест, вале дар ҳаҷҷи нафлӣ бояд назар карда шавад, ки кадом амал беҳтар ва судмандтар аст". Поёни сухан.